Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079-и назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
(734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пурра мутобиқат менамояд, зеро дар он масъалаҳои марбут ба равандҳои сиёсӣ, механизмҳои идоракунӣ, сиёсати иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои муосири идоракунии давлатӣ аз дидгоҳи илмии сиёсӣ таҳлил гардидаанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ масъалаи сиёсати иттилоотӣ ба яке аз омилҳои муҳими рушди давлатдорӣ ва самаранокии идоракунӣ табдил ёфтааст. Дар асри нави иттилоотӣ давлатҳо барои таъмини амнияти миллӣ, таҳкими фазои иттилоотӣ ва баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ ба ташаккули сиёсати муассири иттилоотӣ ниёз доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар раванди рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамикунонии низоми идоракунӣ қарор дошта, масъалаи истифодаи самараноки сиёсати иттилоотӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти мазкур саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф объект ва предмети таҳқиқотро мушаххас ва мантиқӣ муайян намудааст. Объекти таҳқиқот сиёсати иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати давлатӣ ва раванди идоракунии ҷомеа арзёбӣ гардида, предмети таҳқиқот ба омӯзиши механизмҳо, хусусиятҳо ва самтҳои татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Ин тарзи

муайянсозии объект ва предмет ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошад.

Асосҳои методологии таҳқиқот низ дар автореферат дуруст муайян гардидаанд. Муаллиф зимни таҳқиқ аз усулҳои таҳлили илмӣ, муқоисавӣ, системавӣ, таърихӣ ва сиёсӣ истифода намуда, кӯшиш кардааст равандҳои сиёсати иттилоотиро аз дидгоҳи назариявӣ ва амалӣ таҳлил намояд. Истифодаи чунин усулҳо ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаҳои таҳқиқшавандаро ба таври мукаммал баррасӣ намояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили таҳқиқоти илмӣ дар самти сиёсати иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва идоракунии давлатӣ истифода шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад, дар имконияти истифодаи хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ, консепсияҳои рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ зоҳир мегардад.

Автореферати диссертатсия аз лиҳози сохтор, мазмун ва услуб мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Сохтори диссертатсия мантиқӣ ва пайдарҳам мебошад.

Дар боби якум – «Заминаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи сиёсати иттилоотӣ» масъалаҳои моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳои сиёсати иттилоотӣ, инчунин хусусиятҳои сиёсати иттилоотии давлат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Боби дуюм – «Сиёсати иттилоотӣ ва воқеияти он дар замони соҳибистиқлолӣ» ба масъалаҳои сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити дигаргуниҳои ҷомеа, инчунин таҳлили меъёрҳои татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар боби сеюм – «Сиёсати иттилоотӣ дар раванди идоракунии ҷомеаи Тоҷикистон» масъалаҳои самаранокии идоракунӣ, амалишавии иттилоотикунонӣ ва дурнамои сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Муаллиф аҳаммияти сиёсати иттилоотиро дар такмили фаъолияти идоракунии давлатӣ ва рушди низоми иттилоотии кишвар нишон додааст.

Қобили зикр аст, ки дар автореферат тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ ҷой дода шудаанд. Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ дар самти

иттилоот, рушди ҳукумати электронӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ истифода гарданд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, дар автореферат баъзе нуқсонҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар баъзе қисматҳои автореферат тавсияҳои амалии муаллиф ҷиҳати такмили механизмҳои татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ пешниҳод гардида, мушаххас намудани баъзе роҳҳои амалии татбиқи онҳо мақсаднок мебуд.
2. Дар матни автореферат хтогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ мушоҳида мешаванд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» таҳқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои сиёсӣ, профессори**
**кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ**
**ва дипломатияи ДСРТ** **Саидов Ҳ.**

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода, 30
Тел. : (+992) 221-35-50
E-mail: https:rtsu.tj

Имзои профессор Ҳ. Саидов-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДСРТ Исмаилова М.Н.
«_5_»_05_ 2026 сол.

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ